# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Солеҳзода Давлатбек Уроқ дар мавзуи «Экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Солеҳзода Давлатбек Урок дар мавзуи «Экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 01.04.2022 №95/шд ва 25.10.2024 №407/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мубрамияти мавзӯи диссертатсионии Солеҳзода Давлатбек Урок дар мавзуи «Экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар шароити муосири рушди низоми ҳуқуқӣ ва таҳкими пояҳои давлати ҳуқуқбунёд аз ҷанбаҳои гуногун хеле муҳим ва асоснок ба ҳисоб меравад.

Пеш аз ҳама, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини волоияти қонун, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин татбиқи одилонаи адолати судӣ ҳамчун самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ эътироф шудаанд. Дар ин раванд, мурофиаи ҷиноятӣ бояд ба принсипҳои қонуният, адолат, баробарии тарафҳо ва таъмини ҳуқуқ ба ҳимоя асос ёбад. Экспертизаи судӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими исботкунӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ нақши калидӣ мебозад, зеро маҳз бо такя ба донишҳои махсуси илмӣ ва техникӣ имкон пайдо мешавад, ки ҳолатҳои воқеии парванда дақиқ ва ҳамаҷониба муайян карда шаванд. Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва амалии марбут ба экспертизаи судӣ барои баланд бардоштани самаранокии адолати судӣ аҳамияти хос дорад.

Аз тарафи дигар, рушди босуръати илм, техника ва технологияҳои иттилоотӣ ба тағйир ёфтани хусусият ва шаклҳои ҷинояткорӣ оварда расонидааст. Имрӯз ҷиноятҳо на танҳо дар шаклҳои анъанавӣ, балки дар муҳити рақамӣ, соҳаҳои молиявӣ, телекоммуникатсионӣ ва дигар бахшҳои мураккаб содир мешаванд. Таҳқиқи чунин ҷиноятҳо бе истифодаи экспертизаҳои муосир, аз ҷумла экспертизаи рақамӣ, молиявӣ, техникӣ ва ғайра, ғайриимкон мебошад. Ин ҳолат зарурати такмили институтҳои

экспертизаи судӣ, ҷорӣ намудани усулҳои нави таҳқиқотӣ ва баланд бардоштани сатҳи тахассуси экспертҳоро тақозо мекунад.

Ҳамзамон, таҳлили амалияи тафтишотӣ ва судӣ нишон медиҳад, ки дар соҳаи таъин, гузаронидан ва баҳодиҳии экспертизаи судӣ як қатор мушкилот вуҷуд доранд. Аз ҷумла, номукаммалии танзими ҳуқуқии баъзе ҷанбаҳои фаъолияти экспертӣ, мавҷудияти ихтилоф дар тафсири меъёрҳои қонунгузорӣ, норасоии кадрҳои баландихтисос, маҳдудияти заминаи моддию техникӣ ва баъзан риоя нагардидани талаботи мурофиавӣ метавонанд ба сифати исботкунӣ ва адолати судӣ таъсири манфӣ расонанд. Илова бар ин, масъалаҳои вобаста ба мустақилияти эксперт, масъулияти ҳуқуқии ӯ ва арзёбии хулосаи эксперт аз ҷониби суд ва дигар иштирокчиёни мурофиа низ ба таҳқиқи амиқи илмӣ ниёз доранд.

Яке аз омилҳои дигари муайянкунандаи мубрамияти мавзӯъ зарурати мутобиқсозии қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо стандартҳо ва таҷрибаи байналмилалӣ мебошад. Дар бисёр кишварҳои пешрафта институти экспертизаи судӣ ба таври васеъ рушд ёфта, стандартҳои ягонаи методологӣ ва ташкилӣ мавҷуданд. Омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ метавонад ба такмили низоми миллӣ ва баланд бардоштани сифати фаъолияти экспертӣ мусоидат намояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дараҷаи навгонии натиҷаҳои диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки таҳқиқот бори аввал дар доираи илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври комплексӣ ва системавӣ масъалаҳои вобаста ба экспертизаи судиро фаро мегирад. Дар он моҳияти ҳуқуқии экспертизаи судӣ аз нав баррасӣ шуда, ҷойгоҳ ва нақши он дар низоми исботкунӣ ҳамчун воситаи мустақили исботкунӣ бо асоснoккунии илмӣ пешниҳод мегардад. Муаллиф на танҳо меъёрҳои амалкунандаи қонунгузориро таҳлил мекунад, балки камбудиҳо, ихтилофҳо ва норасоиҳои амалиро ошкор намуда, роҳҳои такмили онҳоро пешниҳод менамояд.

Навгонии таҳқиқот инчунин дар таҳияи муносибати нави илмӣ ба таснифоти экспертизаҳои судӣ зоҳир мегардад. Бо дарназардошти рушди технология ва пайдоиши шаклҳои нави ҷиноятқорӣ, намудҳои муосири экспертиза, аз ҷумла экспертизаҳои комплексӣ ва экспертизаи рақамӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, хусусиятҳои мурофиавии истифодаи онҳо асоснок карда мешаванд. Ҳамзамон, масъалаҳои таъмини мустақилияти эксперти судӣ, баланд бардоштани сатҳи касбӣ ва масъулияти ҳуқуқии ӯ бо назардошти талаботи замони муосир аз нигоҳи нав арзёбӣ гардидаанд.

Яке аз унсурҳои муҳими навгонии диссертатсия дар пешниҳоди меъёрҳои илмӣ оид ба арзёбии хулосаи эксперти судӣ мебошад, ки метавонад ба баланд бардоштани сифати баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ мусоидат намояд. Илова бар ин, таҳқиқи таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва мутобиқсозии унсурҳои пешрафтаи он ба низоми ҳуқуқии миллӣ низ аз ҷанбаҳои навгонии таҳқиқот ба ҳисоб меравад.

Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, дар маҷмӯъ натиҷаҳои асосии таҳқиқотро ифода намуда, хусусияти назариявӣ ва амалии баланд доранд. Пеш аз ҳама, хулосаи илмӣ оид ба моҳияти экспертизаи судӣ ҳамчун воситаи мустақили исботкунӣ пешниҳод мегардад, ки нақши ҳалкунанда дар муайян намудани ҳақиқати воқеӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ дорад.

Ҳамчунин, меъёрҳои илмии арзёбии хулосаи эксперти судӣ таҳия гардида, зарурати баланд бардоштани сатҳи тахассуси экспертҳо ва такмили низоми омодасозии онҳо асоснок карда мешавад. Дар ниҳоят, имконияти истифодаи таҷрибаи байналмилалӣ ва мутобиқсозии он ба шароити миллӣ, инчунин пешниҳоди тавсияҳои амалӣ барои баланд бардоштани самаранокии экспертизаи судӣ дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва суд аз ҷумлаи нуктаҳои муҳиме мебошанд, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифода ёфта, пеш аз ҳама, бо заминаи устувори назариявӣ ва методологии таҳқиқот таъмин карда шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф ба дастовардҳои муосири илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ такя намуда, андешаҳо ва назарияҳои олимони ватанӣ ва хориҷиро мавриди омӯзиш ва таҳлили муқоисавӣ қарор додааст. Ин равиш имкон додааст, ки масъалаҳои марбут ба экспертизаи судӣ ба таври амиқ ва ҳамаҷониба баррасӣ гардида, хулосаҳои илмӣ дар асоси таҳлили муфассал шакл гиранд.

Эътимоднокии натиҷаҳо инчунин бо истифодаи васеи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда таъмин мегардад. Дар диссертатсия қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ ва фаъолияти экспертӣ таҳлил гардида, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунии давлатҳои дигар ба назар гирифта шудаанд. Ин имкон додааст, ки хулосаҳо на танҳо хусусияти назариявӣ, балки асоси воқеӣ ва амалии устувор дошта бошанд.

Яке аз омилҳои муҳими таъминкунандаи эътимоднокӣ истифодаи маводи амалияи тафтишотӣ ва судӣ мебошад. Муаллиф дар таҳқиқот парвандаҳои ҷиноятӣ, қарорҳо ва санадҳои мурофиавиро таҳлил намуда, мушкилоти воқеии марбут ба таъин, гузаронидан ва арзёбии экспертизаи судиро ошкор кардааст. Хулоса ва тавсияҳо маҳз дар асоси ҳамин таҳлили амалӣ таҳия гардида, ба эҳтиёҷоти воқеии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва суд ҷавобгӯ мебошанд.

Ҳамзамон, дар таҳқиқот усулҳои гуногуни илмӣ, аз қабили таҳлили системавӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-ҳуқуқӣ ва оморӣ истифода шудаанд, ки ба дурустӣ ва илмиятнокии натиҷаҳо мусоидат менамоянд. Истифодаи маҷмӯии ин усулҳо имкон додааст, ки масъалаҳои баррасишаванда аз чанд ҷанба таҳлил гардида, хулосаҳо бо далелҳои муътамад асоснок карда шаванд.

Эътимоднокии хулосаҳо инчунин бо мувофиқати онҳо ба принсипҳои умумии ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ва талаботи амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ таъмин мегардад. Тавсияҳои пешниҳодшуда хусусияти амалӣ дошта, ба такмили қонунгузорӣ, беҳтар намудани фаъолияти мақомоти тафтишотӣ ва судӣ, инчунин баланд бардоштани самаранокии истифодаи экспертизаи судӣ равона шудаанд.

Илова бар ин, натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар шакли мақолаҳои илмӣ, гузоришҳо дар конференсияҳо ва муҳокимаҳо дар доираҳои илмӣ апробатсия шудаанд, ки ин низ яке аз омилҳои муҳими тасдиққунандаи эътимоднокӣ ва асоснокии онҳо ба ҳисоб меравад.

Бо дарназардошти ҳамаи ин омилҳо, метавон хулоса намуд, ки хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида аз ҷиҳати илмӣ асоснок, мантиқӣ пайгирона ва аз ҷиҳати амалӣ эътимоднок мебошанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

Аҳаммияти диссертатсияи Солеҳзода Давлатбек Уроқ дар мавзуи «Экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз чанд ҷиҳати муҳим арзёбӣ мегардад:

Диссертатсия ба рушди илми Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ саҳми назаррас мегузорад. Муаллиф масъалаҳои назариявии экспертизаи судиро таҳлил намуда, мафҳум, намудҳо, принсипҳо ва ҷойгоҳи онро дар мурофиаи ҷиноятӣ дақиқ месозад. Пешниҳодҳои илмии нав барои такмили қонунгузорӣ ва фаҳмиши беҳтари нақши экспертиза ҳамчун воситаи исбот пешниҳод мегарданд. Ин тадқиқот метавонад ҳамчун замина барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи экспертизаи судӣ хизмат намояд.

Натиҷаҳои диссертатсия барои фаъолияти мақомоти тафтишотӣ, прокуратура ва судҳо аҳаммияти калон доранд. Тавсияҳои пешниҳодшуда ба беҳтар намудани тартиби таъини экспертиза, арзёбии хулосаи коршинос ва истифодаи дурусти он дар ҷараёни баррасии парвандаҳо мусоидат мекунанд. Ин ба баланд бардоштани сифати таҳқиқ ва баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ, инчунин таъмини адолати судӣ мусоидат менамояд.

Диссертатсия ба таҳкими принсипи адолати судӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон мусоидат мекунад. Бо беҳтар шудани истифодаи экспертизаи судӣ, эҳтимолияти иштибоҳҳои судӣ коҳиш меёбад ва эътимоди ҷомеа ба низоми судӣ баланд мегардад. Инчунин, тадқиқот барои таъмини волоияти қонун ва суботи иҷтимоӣ нақши муҳим мебозад.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи мазкур дорои аҳаммияти баланди илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буда, метавонад дар такмили низоми мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани самаранокии адолати судӣ саҳми арзанда гузорад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Дар асоси натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия дар маҷмӯъ 10 мақолаи илмӣ ба нашр расидаанд. Аз ин шумора, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд, ва 5 мақолаи дигар дар нашрияҳое ба табъ расидаанд, ки дорои сатҳи зарурии илмӣ ва эътимоднокӣ мебошанд. Ин нашрияҳо дар пешбурд ва дастгирии равандҳои илмии таҳқиқоти мазкур нақши муҳим мебозанд. Қобили зикр аст, ки шумораи маводи нашршуда ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пурра мутобиқат мекунад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои сохтори муназзам ва мантиқӣ буда, аз якчанд қисматҳои асосӣ иборат мебошад. Аз ҷумла, он рӯйхати ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартиро дар бар мегирад, ки барои фаҳмиши дурусти матн аҳамияти муҳим доранд. Қисмати муқаддима масъалаҳои мубрамият, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, инчунин аҳамияти назариявӣ ва амалии онро шарҳ медиҳад. Қисмати асосии диссертатсия аз се боб иборат буда, дар доираи онҳо панҷ зербоб мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки ҳар яке ҷанбаҳои алоҳидаи мавзуи таҳқиқотро ба таври муфассал таҳлил менамоянд.

Дар идома, хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқотро ҷамъбаст намуда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои бадастомада пешниҳод мегарданд, ки метавонанд дар амалия ва рушди соҳаи дахлдор саҳмгузор

бошанд. Ҳамзамон, диссертатсия рӯйхати адабиёти истифодашуда ва интишоротро вобаста ба мавзуи таҳқиқот фаро мегирад, ки пояи назариявӣ ва манбаъҳои илмии корро ташкил медиҳанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 188 саҳифаро ташкил дода, фарогири тамоми ҷанбаҳои муҳим ва натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия аҳаммият ва мубрамияти мавзӯи интихобшуда дар заминаи рушди муосири низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо такя ба далелҳои боэътимоди илмӣ ва таҳлили ҳамаҷониба асоснок карда шудааст. Муаллиф ба таври муфассал зарурати омӯзиши масъалаҳои марбут ба экспертизаи судиро ҳамчун яке аз воситаҳои калидии исботкунӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ нишон дода, аҳаммияти онро дар таҳкими адолати судӣ ва таъмини далелнокии қарорҳои мурофиавӣ таъкид намудааст.

Дар ин қисмат сатҳи омӯзиши мавзӯъ дар адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ ба таври интиқодӣ баррасӣ гардида, саҳм ва мавқеи олимони гуногун дар рушди назарияи экспертизаи судӣ таҳлил шудааст. Ин раванд имконият додааст, ки ҷойгоҳи таҳқиқоти пешниҳодшуда дар низоми донишҳои илмии мавҷуда муайян карда шуда, навгонии илмии он асоснок карда шавад.

Ҳамзамон дар муқаддима ҷузъиёти муҳими методологӣ ва сохтории таҳқиқот муайян гардидааст. Аз ҷумла, объект ва предмети таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои асосӣ, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, инчунин маҷмӯи усулҳои илмии истифодашуда ба таври возеҳ шарҳ дода шудаанд. Илова бар ин, манбаъҳои илмӣ ва эмпирикӣ, дараҷаи навоварии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, инчунин нуктаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшаванда ба таври дақиқ муайян гардидаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи ихтисоси 5.5.9 – ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ анҷом дода шуда, на танҳо ҷанбаҳои назариявии масъала, балки масъалаҳои амалӣ ва татбиқии онро низ фаро мегирад. Ин ҳолат ба таҳқиқот хусусияти комплексӣ ва фарогир мебахшад.

Сохтори диссертатсия бо риояи талаботи муқарраргардидаи корҳои илмӣ таҳия гардида, аз рӯйхати ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боби асосӣ, панҷ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва феҳристи интишороти илмии муаллиф иборат мебошад. Ҳаҷми умумии кори илмӣ 188 саҳифаро ташкил дода, он бо меъёрҳои мавҷудаи таҳияи таҳқиқоти илмӣ пурра мутобиқат менамояд.

Боби якуми диссертатсия (саҳ. 26–94) ба таҳлили асосҳои назариявии институти экспертизаи судӣ бахшида шудааст. Дар ин қисмат масъалаҳои бунёдии марбут ба мафҳум, моҳият ва вазифаҳои экспертизаи судӣ бо истифода аз манбаъҳои гуногуни илмӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифтаанд. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки тасвири мукаммали илмии ин падидаи ҳуқуқиро пешниҳод намуда, мавқеи онро дар низоми исботкунии мурофиаи ҷиноятӣ муайян намояд.

Дар зербоби аввал масъалаи мафҳум ва моҳияти экспертизаи судӣ бо таҳлили андешаҳои олимон ва муқоисаи равишҳои илмии гуногун баррасӣ шудааст. Зербоби дуюм ба таснифи намудҳои экспертиза бахшида шуда, дар он меъёрҳои илмӣ ва амалии гурӯҳбандии онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар зербоби сеюм бошад, мақоми мурофиавии коршинос, ҳуқуқу уҳдадориҳои ӯ, кафолатҳои мустақилият ва нақши ӯ дар раванди исботкунӣ ба таври муфассал таҳлил гардидааст.

Дар маҷмӯъ, боби якум заминаи назариявии устуворро барои таҳқиқи минбаъдаи масъала фароҳам оварда, асоси илмии таҳлили бобҳои дигарро ташкил медиҳад.

Боби дуюми диссертатсия (саҳ. 95–141) ба омӯзиши ҷанбаҳои амалии татбиқи экспертизаи судӣ равона шудааст. Дар ин қисмат ҷараёни таъйин ва гузаронидани экспертиза дар марҳилаи пешазсудӣ ба таври муфассал баррасӣ гардида, асосҳо, шартҳо ва тартиби мурофиавии он таҳлил шудаанд. Муаллиф ба мушкилоти амалие, ки дар ҷараёни татбиқи экспертиза ба миён меоянд, диққати махсус дода, сабабҳои пайдоиши онҳо ва роҳҳои имконпазири ҳалли онҳоро нишон додааст.

Дар зербоби дигар хусусиятҳои гузаронидани экспертиза дар марҳилаи судӣ таҳлил гардида, фарқиятҳои он аз марҳилаи пешазсудӣ муайян карда шудаанд. Ҳамчунин масъалаҳои марбут ба иштироки субъектҳои мурофиавӣ ва таъсири онҳо ба сифати натиҷаҳои экспертиза баррасӣ гардидаанд.

Ин боб аҳаммияти хосси амалӣ дошта, робитаи мустақими таҳқиқоти назариявиро бо фаъолияти мақомоти тафтишотӣ ва судӣ нишон медиҳад ва барои беҳтар намудани амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ замина фароҳам меорад.

Боби сеюми диссертатсия (саҳ. 142–161) ба омӯзиши хулосаи коршинос ҳамчун яке аз манбаъҳои муҳими далел дар мурофиаи ҷиноятӣ бахшида шудааст. Дар он хусусиятҳои ҳуқуқии хулосаи экспертиза, ҷойгоҳи он дар низоми исботкунӣ ва тартиби истифодаи он дар раванди қабули қарорҳои мурофиавӣ таҳлил гардидаанд.

Муаллиф инчунин масъалаҳои марбут ба баҳодиҳии хулосаи коршиносро аз ҷониби муфаттиш, прокурор ва суд баррасӣ намуда, омилҳои таъсиррасон ба эътимоднокӣ, пуррагӣ ва асоснокии он-ро муайян кардааст. Дар ин замина пешниҳодҳои илмӣ ҷиҳати такмили механизмҳои арзёбии хулосаи экспертиза ва баланд бардоштани сифати истифодаи он дар исботкунӣ ироа гардидаанд.

Ин боб аҳаммияти назариявӣ ва амалии баланд дошта, барои таҳкими нақши экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ заминаи илмӣ фароҳам меорад.

Дар қисми хулосаи диссертатсия (саҳ. 162–166) натиҷаҳои асосии таҳқиқот ба таври муназзам ҷамъбаст шуда, хулосаҳои илмии муаллиф дар асоси таҳлили гузаронидашуда пешниҳод гардидаанд. Ин хулосаҳо бо мантиқи илмӣ асос ёфта, натиҷаи омӯзиши амиқи масъала мебошанд.

Ҳамзамон дар ин қисмат тавсияҳои мушаххаси илмӣ ва амалӣ ҷиҳати такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, беҳтар намудани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи экспертизаи судӣ пешниҳод шудаанд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсия дорои мазмуни мукаммал, сохтори муназзам ва пайдарҳамии мантиқӣ мебошад. Ҳамаи бобҳо ва зербобҳо ба ҳалли вазифаҳои пешгузоштаашуда нигаронида шуда, байни қисматҳои он робитаи устувори мазмунӣ ва илмӣ нигоҳ дошта шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси таҳлили амиқи назариявӣ ва амалии масъалаҳо ба даст омада, сатҳи баланди илмии кори анҷомшударо нишон медиҳанд.

**Автореферат фишурдаи диссертатсия** буда, дар умум мафҳум ва моҳияти диссертатсияро мекушояд.

**Бо вуҷуди баҳои мусбии кор дар диссертатсия баъзе масъалаҳои норавшан ба назар мерасанд, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст:**

1. Диссертант қайд менамояд, ки коршинос дар мавриди миқёсан калонҳаҷм будани парвандаи ҷиноятӣ, масалан, парвандаҳои ҷиноятии алоқаманд ба ҷиноятҳо ба муқобили иқтисодиёт, маънаван имконияти пурра ва ҳаматарафа санҷидани ҳолатҳои барои парванда ва тафтишоти пешакӣ аҳамиятдоштаро надорад. Вобаста ба ин, пешниҳод мегардад, ки аз тарафи коршиносон зоҳир карда шудани ташаббус барои гузаронида шудани экспертизаи комиссионӣ ба мақсад мувофиқ дониста мешавад (саҳ. 86, сархати якум).

Пешниҳоди мазкур гарчанде, ки аз нигоҳи аввал қобили таваҷҷуҳ ба назар мерасад, аз нигоҳи дигар баъзе саволҳоро бо назардошти афзалияти муфаттиш будани таъин намудани экспертизаи судӣ ба миён меорад. Аз ин

хотир, иловатан омӯхта шудани пешниҳоди мазкур метавонад имкониятҳои нави экспертизаи судиро ба вуҷуд орад.

2. Аз ҷониби муҳаққиқ дар асоси такя ба банди 10, қисми 1 моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» бори аввал пешбинӣ гардидани ҳуқуқи коршинос оиди даст кашидан аз гузаронидани экспертиза қайд карда шудааст (саҳ. 87, сархати якум).

Агар ҳолати мазкур аз нигоҳи ҳуқуқи коршинос будан ё уҳдадории коршинос будан даст кашидан аз гузаронидани экспертиза васеътар таҳлил карда шавад аз аҳаммият холӣ dониста намешавад.

3. Дар матни диссертатсия ҳолатҳои алоҳидаи риоя нашудани қоидаҳои имлоӣ ба назар мерасанд. Ба диссертант тавсия дода мешавад, ки ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти илмӣ бо мақсади баланд бардоштани мақоми забони давлатӣ ҳамчун забони илмӣ ба қоидаҳои имлоӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намояд.

Эродҳое, ки дар боло қайд шудаанд, дар умум ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайнкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хело муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаҳои муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки он хоси гузаронидани таҳқиқоти илмӣ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Таҳқиқоти илмии Солеҳзода Давлатбек Урок дар мавзуи «Экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мансуб аст. Диссертатсия дар доираи талаботи банди 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳои 26 июли соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, таҳия гардида, пурра мутобиқати ҳуқуқӣ ва меъёрии давлатии талаботи академиро таъмин менамояд.

Муаллиф таҳқиқотро мустақилона ва бо истифодаи усулҳои замонавии методологӣ ва криминалистикӣ анҷом дода, сохтори диссертатсияро бо мантиқи муназзам ва пайдарпайии илмӣ ташкил намудааст. Ҳамаи бобҳо ва бахшҳои таҳқиқот ҳамоҳангӣ ва мутобиқатро бо принсипҳои систематикии илмӣ таҷассум мекунанд. Ҳамзамон, саҳми мустақими муаллиф дар таҳқиқоти илмӣ тавассути мақолаҳо ва маърӯзаҳо дар конфронсҳои илмӣ-амалӣ собит гардида, нишон медиҳад, ки усулҳои

пешниҳодшуда на танҳо аз нуқтаи назари назариявӣ аҳамият доранд, балки дар амалия низ қобили татбиқ ва арзёбӣ мебошанд. Ин ҳолат, ба таъмини эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ва саҳми илмию амалии муаллиф дар рушди илми мурофиаи ҷиноятӣ равона шудааст.

**Муқарризи расмӣ:**
Декани факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон,
д. и. ҳ, профессори кафедраи мурофиаи
ҷиноятӣ ва криминалистика **Ҳамроев Ш.С.**

**Имзои Ҳамроев Ш.С. – ро тасдиқ мекунам.**
Сардори Раёсати кадрҳои
Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон **Исмоилова М.Н.**

**Суроға:**
734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода,
30 Тел.: (+992) 37 221-35-50
Факс: (+992) 37 221-35-50
www.rtsu.tj E-mail: p.rektora@mail.ru

«22» 05 соли 2026